**BROCHURE | FEBRUARY 2023**

NDC PARTNERSHIP

# Ҳуҷҷати мухтасар: Дастурамал оид ба банақшагирии сармоягузории ССММ (NDC)

## Ба сӯи банақшагирии сармоягузории трансформатсионии ССММ



## ТАФСИР

**Ин Дастурамал оид ба банақшагирии сармоягузории Саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншуда (ССММ) дастуру тавсияҳои қадам ба қадамро барои кишварҳо дар самти ташаккул ва таҳкими ӯҳдадориҳои иқлимии онҳо дар шакли амалҳо тавассути омодасозии нақшаҳои сармоягузорӣ дар асоси таҷрибаҳои пешқадами мавҷуда, ки аз ҷониби Шарикӣ оид ба ССММ (NDC Partnership) ҷамъ оварда шудаанд, пешниҳод мекунад.**

Дар Дастурамал банақшагирии сармоягузории ССММ ба се марҳила тақсим карда шудааст, Иқтидори банақшгрии сармоягузорӣ (ҳамаҷониба), **Муайянсозии эҳтиёҷоти сармоягузорӣ ва афзалиятнокии онҳо ва Сафарбаркунии сармоягузорӣ**. Дар ҳамаи се марҳила ёздаҳ қисматҳо натиҷаҳои мушаххасро муайяну роҳнамоӣ мекунанд, ки ба кишварҳо дар пешрафти раванди банақшагирии сармоягузории онҳо кӯмак карда метавонанд (Расми 1).

## РАСМИ 1. ТАБДИЛДИҲИИ ӮҲДАДОРИҲОИ ССММ БА АМАЛ




**Дастурамали мазкур ҳамчун намуна ё дастурамали ҳаматарафа пешбинӣ нашудааст. Ба ҷои ин он бояд ба шароити хоси ҳар як кишвар мутобиқ карда шавад. Ба ин маъно Дастурамал чор принсипи роҳнамоиро риоя мекунад:**

- **Он барои шароити (контексти) ҳар як кишвар беназир аст,** зеро он ба афзалиятҳо, ӯҳдадориҳо ва мақсади иқлимии кишвар такя мекунад. Амалан банақшагирии сармоягузории ССММ фикру мулоҳизаҳои ҷавобии дахлдорро барои аз нав дида баромадани ҳадафҳои ССММ пешниҳод карда метавонад, зеро натиҷаҳо ва тадқиқотҳои зиёд имкониятҳо ва роҳҳои навро барои мақсадҳои бузургтари иқлимӣ боз карда метавонанд.
- **Он дар кишварҳои гуногун дар марҳилаҳои гуногун қарор дорад.** Дар баъзе кишварҳо Дастурамали мазкур барои ба даст овардани натиҷаҳои ибтидоии банақшагирии сармоягузории ССММ манфиатовар буда метавонад, дар ҳоле, ки дигар кишварҳо онро барои таҳкими таҳлилҳо, ҷараёнҳо ва натиҷаҳои мавҷуда истифода карда метавонанд.
- **Он динамикӣ ва такроршаванда аст.** Барои ин бояд ҷараёнҳо барои навсозии натиҷаҳои банақшагирии сармоягузории ССММ ҷорӣ карда шаванд, то ин ки онҳо ҳамчун ҳуҷҷатҳои “зинда” боқӣ монанд, ки дар онҳо маълумот барои ҷонибҳои манфиатдор муҳиму мувофиқ мебошанд.

Шарикӣ оид ба ССММ саъй мекунад, ки кишварҳоро барои ба ҳадди аксар расонидани кӯшишҳои банақшагирии сармоягузории онҳо новобаста аз имкониятҳои мавҷудаашон дастгирӣ намояд. Ҳукуматҳо бояд доираи банақшагирии сармоягузории худро мувофиқи шароит (контекст) ва ҳадафҳои миллии худ ташаккул диҳанд ва аз дастгирии тавассути Шарикӣ оид ба ССММ дастрасбуда истифода баранд. Дар ҳоле ки иқтидори мавҷудаи ҷорӣ омили маҳдудкунандаи асоснок барои мақсади раванди банақшагирии сармоягузорӣ аст, кишварҳо бояд ин Дастурамалро барои муайянсозӣ ва банақшагирии эҳтиёҷоти иловагӣ ба дастгирӣ истифода баранд, ки чунин дастгирӣ метавонад тавассути Шарикӣ оид ба ССММ пешниҳод карда шавад, аз ҷумла дар самти ташаккули иқтидор ё дастгирии таҳлилӣ.

Марҳилаҳои Дастурамал як норасоии беназирро тавассути пешниҳоди рӯйкарди барномавӣ ба банақшагирии сармоягузории ССММ ҳал мекунанд. Ин аввалин чунин кӯшиш аст, ки як пайдарпайии қадам ба қадамро бо натиҷаҳои мушаххас барои кишварҳо баҳри мутобиқ кардани эҳтиёҷоти онҳо муттаҳид месозад (Расми 2). Он инчунин ба шахсони тасмимгиранда дар баён кардани он, ки чӣ гуна механизмҳои ҷалби ҷонибҳои манфиатдори бисёр ва ҳамоҳангсозӣ тарҳрезӣ шудаанд, кӯмак мерасонад, то боварӣ ҳосил карда шавад, ки иқтидор ташаккул дода шуда, масъулияту соҳибияти кишвар дар ҳар се марҳилаи раванди банақшагирии сармоягузорӣ нигоҳ дошта мешавад. Он инчунин ҳамоҳангсозии чорабиниҳоро бо корҳои ҷорӣ дар дохили кишвар (масалан, чораҳои сиёсат, лоиҳаҳо, сохторҳои институтсионалӣ) таъмин мекунад ва ба ин васила аз такроршавии кӯшишҳо канорагирӣ мекунад ва ба ҷамъшавии захираҳои мавҷуда мусоидат менамояд.
Дастурамал фаъолиятҳо ва лоиҳаҳоро дар атрофи "биниши трансформативӣ" ба таври стратегӣ пайваст мекунад, ки чорабиниҳои гуногунро муттаҳид намуда, мушаххас менамояд, ки чӣ гуна ҳар қадоми онҳо барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои ССММ саҳм мегузорад ва ба таъсироти иқлимии ченшавандаи табдил меёбад. Дар баробари ин, ғоя аз он иборат аст, ки маҷмӯи лоиҳаҳои барои сармоягузорӣ омода бо амалҳое таҳия карда шавад, ки монеаҳои сармоягузориро бартараф месозанд ва муҳити мусоидро барои татбиқи воситаҳои гуногуни маблағгузорӣ (ҳам аз бахши давлатӣ ва ҳам хусусӣ) мувофиқи эҳтиёҷот ва афзалиятҳои кишвар фароҳам месозанд.

## РАСМИ 2. МАРҲИЛАҲО ВА ҚИСМАТҲОИ БАНАҚШАГИРИИ САРМОЯГУЗОРИИ ССММ




Бо пешниҳоди пайдарпайии намоён ва номгӯи натиҷаҳое, ки барои пешбурди банақшагирии сармоягузории ССММ истифода кардан мумкин аст, Дастурамал барои дастгирии ҳукуматҳо ва субъектони дигар дар паймоишу идоракунии ин равандҳои мураккаб, аз муайян кардани эҳтиёҷот то сафарбаркунии захираҳо, пешбинӣ карда шудааст. Ҳамин тариқ Дастурамал барои чор гурӯҳи ҷонибҳои манфиатдори зерин аз ҳама муфид буда метавонад: (1) кишварҳои аъзои Шарикӣ оид ба ССММ (масалан, вазоратҳои молия ва муҳити зист ва дигар муассисаҳои татбиққунанда лоиҳа), (2) шарикони маблағгузор ва татбиққунанда (масалан, бонкҳои бисёрҷонибаи рушд, фондҳои иқлимӣ ва дигар ташкилотҳои маблағгузории бисёрҷониба/дуҷониба), (3) бахши хусусӣ (масалан, фондҳои сармоягузорӣ ва идоракунандагони дороиҳо ва ташкилотҳои хайриявии ҳавасманд, ки дарк кардан мехоҳанд, ки чӣ гуна кишварҳо лоиҳаҳои сармоягузории ба ССММ мувофиқшударо ташаккул медиҳад, афзалиятнокии онҳоро муайян месозанд ва пешбарӣ мекунанд) ва (4) ) ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (масалан, гурӯҳҳо ё созмонҳое, ки дар ташаккули устувории ҷомеа нақш мебозанд, манфиатҳои мушаххаси ҷомеа ва ҳадафҳои миллии иқлимиро таблиғу тарғиб мекунанд).

# МАРҲИЛАИ 1: ИҚТИДОРИ БАНАҚШАГИРИИ САРМОЯГУЗОРӢ

Марҳилаи аввал ҳамаҷониба буда, бо муқаррар кардани механизмҳои институтсионалии устувор ва фарогири саромоягузории ССММ дар ҳамаи сатҳҳои ҳукумат ва бахшҳо бо мақсади мусоидат намудан ба банақшагирӣ/татбиқсозии амалҳои афзалиятноки ССММ, ҷалби ҷонибҳои манфиатдор, мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ оид ба пешравӣ сарукор дорад. Дар давоми ин марҳила нақшҳо ва ваколатҳои возеҳ муқаррар карда мешаванд. Ҷонибҳои манфиатдор дар саросари раванди банақшагирии ССММ, ки кишварҳо онҳоро истифода карда метавонанд, барои муайян кардани эҳтиёҷоти сармоягузории ССММ ва сафарбар кардани захираҳо харитабандӣ карда мешаванд. Ин марҳила аз се қисматҳои асосӣ иборат аст.

## ҚИСМАТИ 1. МЕХАНИЗМИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ

Шахсони қарорқабулкунанда барои раванди банақшагирии сармоягузории ССММ механизмҳои гуногуни институтсионалиро қабул карда метавонанд. Сохторҳо ва механизмҳои мушаххаси институтсионалӣ оид ба таҳия, ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи нақшаҳои сармоягузории ССММ метавонанд каналҳои қавии ҳисоботдиҳӣ ва ҳамкориро дар дохили ҳукумат ва субъектҳои иҷтимоӣ таъмин намуда, мубодила ва ҷамъоварии маълумотро барои банақшагирии сармоягузории ССММ дастгирӣ кунанд. Ба ин мақсад вазоратҳо/агентиҳои давлатӣ, ки дорои салоҳият оид ба масъалаҳои молия/банақшагирӣ, тағйирёбии иқлим ва самтҳои соҳавии дахлдор мебошанд, бояд барои муайян ва татбиқ кардани чорабиниҳои марбут ба ҳадафҳои ССММ ва маблағгузории лоиҳаҳою чорабиниҳо харитабандӣ карда шаванд. Дар асоси харитаи институтсионалӣ гузаронидани таҳлили норасоиҳо бо мақсади муайян ва бартараф кардани холигии нақш дар сатҳи ҳамоҳангсозии марказӣ ва нақшҳои мушаххас пешниҳод карда мешавад.

## ҚИСМАТИ 2. ҶАЛБИ ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОРИ БИСЁР

Стратегияи ҷалби ҷонибҳои манфиатдори бисёр (масалан, бахши давлатӣ, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ) ба банақшагирии устувортари сармоягузории ССММ имкон медиҳад ва ба қабулу дастгирии васеъ мусоидат мекунад. Он харитабандӣ ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдорро дар доираи амалҳои асосӣ, ҳадафҳо ва ҳисоботдиҳӣ дар бар мегирад. Равандҳои мубодила ва тасдиқи (валидатсияи) маълумотро тавассути ҷалби ҷонибҳои манфиатдор барои ҳар як қимсати раванди банақшагирии сармоягузорӣ қавитар кардан мумкин аст. Ҳамчун як ҷузъи ин қисмат масъулияти ҳамоҳангсозӣ дар масъалаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор барои қисматҳо ва зерқисматҳои мушаххаси банақшагирии сармоягузории ССММ бояд ба мақомоти дахлдори давлатӣ вогузор карда шавад.

## ҚИСМАТИ 3. МОНИТОРИНГ ВА ҲИСОБОТДИҲӢ

Мониторинги чараёнҳои молиявии ҷорӣ ва ба нақша гирифташуда барои таъмини тақсимоти самаранок ва саривақтии захираҳо баҳри татбиқи ССММ хеле муҳим аст. Ҳисоботдиҳӣ инчунин дар такрори минбаъдаи натиҷаҳои банақшагирии сармоягузории ССММ саҳми назаррас гузошта метавонад. Стратегия оид ба мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва санҷиши пешравб ва таъсирот ба чараёни молиявӣ як унсури хеле рӯҳбаландкунанда дар татбиқи нақшаи сармоягузории ССММ мебошад. Он метавонад шаффофият ва ҳисоботдиҳии хароҷоти давлатиро ҷорӣ намояд, ба ҳамоҳангсозӣ бо сармоягузорон ва шарикони рушд мусоидат кунад ва қабули қарорҳоро барои банақшагирии сармоягузории ояндаи ССММ, муайянсозии афзалиятҳо ва тақсимоти захираҳо беҳтар созад.

**Марҳилаи аввал ҳамаҷониба буда, бо муқаррар кардани механизмҳои институтсионалии мустаҳкам ва фарогири сармоягузории ССММ сарукор дорад.**

# МАРҲИЛАИ 2: МУАЙЯНСОЗИИ ЭҲТИЁҶОТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА АФЗАЛИЯТНОКИИ ОНҲО

Дуюм марҳилаи банақшагирии сармоягузории ССММ ин муайян кардани эҳтиёҷоти кишвар ба сармоягузорӣ тавассути раванди муштарак ва фарогир мебошад. Марҳилаи мазкур муайян кардани эҳтиёҷоти маблағгузориро барои ноил шудан ба ҳадафҳои ССММ ва дигар сиёсати рушд, аз ҷумла Нақшаҳои миллии мутобиқшавӣ (НММ), Стратегияҳои дарозмуддат (СДМ) Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) дар бар мегирад. Ин марҳила аз се қисмати асосӣ иборат аст.

## ҚИСМАТИ 1. МУАЙЯНКУНИИ ЭҲТИЁҶОТИ САРМОЯГУЗОРИИ ССММ

Эҳтиёҷоти сармоягузорӣ маҷмӯи дақиқи сармоягузориҳо ва фаъолиятҳои ёрирасонро дар бар мегирад, ки амалҳо оид ба коҳиш додани таъсирот ва мутобиқсозиро боз мекунанд, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои ССММ зарур мебошанд. Ҳарчанд ҳадафҳои ССММ ва нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ (НАС) метавонанд ҳамчун роҳнамои аввалия барои муайян кардани эҳтиёҷоти сармоягузории ССММ хидмат кунанд, асоснокунии иқлимӣ низ бояд баррасӣ карда шавад. Кишварҳое, ки онҳоро надоранд, бояд таваҷҷӯҳи худро ба ташаккули ин ҷузъҳо ҳангоми банақшагирии сармоягузории ССММ равона созанд. Эҳтиёҷоти сармоягузорӣ метавонад шакли лоиҳа (масалан, электрофикатсияи нақлиёти ҷамъиятӣ) ё фаъолияти ёрирасонро барои беҳтар кардани муҳити мусоид (масалан, кӯмаки техникӣ ва ташаккули иқтидор) гирад. Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор метавонад ба тасдиқи (валидатсияи) эҳтиёҷоти афзалиятноки сармоягузорӣ ва муайян кардани амалҳои эҳтимолӣ барои ҳалли камбудиҳои сармоягузорӣ кӯмак расонад.

## ҚИСМАТИ 2. ТАҲЛИЛИ АРЗИШ ВА НОРАСОИИ МОЛИЯВӢ

Норасоиҳои маблағгузорӣ бо роҳи ҳисоб кардани арзиши эҳтиёҷоти сармоягузории ССММ ва тарҳ кардани маблағгузории таъминшуда муайян карда мешаванд. Кишварҳо бояд стратегияҳои мувофиқро барои рафъи норасоии маблағгузории ССММ таҳия кунанд. Шахсони қарорқабулкунанда бояд ба назар гиранд, ки методологияи ҳисобкунии арзиш байни чорабиниҳои коҳишдиҳии таъсирот ва мутобиқсозӣ вобаста аз намуди амалҳое, ки онҳо дар бар мегиранд, фарқ карда метавонанд. Дар ҳоле, ки амалҳои коҳишдиҳии таъсирот ба таври умум ташаккули инфрасохтор ё ҷоринамоии технологияҳои мушаххасро дар бар мегиранд, амалҳои мутобиқсозӣ чорабиниҳои марбут ба сиёсат ва низомро дар бар мегиранд. Шахсони қарорқабулкунанда ташвиқ карда мешавад, ки маблағгузории давлатиро, ки дар ҳама сатҳҳо аллакай таъмин шудааст, тавассути баррасии маълумоти буҷети давлатӣ ва нақшаҳои хароҷоти донорҳо ҳамаҷониба арзёбӣ намоянд. Дар ниҳоят, норасоии маблағгузорӣ бояд бо ҷонибҳои манфиатдор тасдиқ (валидатсия) карда шавад.

## ҚИСМАТИ 3. МУАЙЯНСОЗИИ АФЗАЛИЯТНОКИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ЧОРАБИНИҲОИ ЁРИРАСОН

Муайянсозии афзалиятнокии эҳтиёҷоти сармоягузории ССММ ба сафарбаркунии маблағгузорӣ ба соҳаҳое мусоидат мекунад, ки дорои иқтидори бештари коҳиш додани таъсирот, мутобиқшавӣ ва ҳамоҳангсозӣ бо афзалиятҳои васеътари миллӣ мебошанд. Муайянсозии афзалиятнокӣ бояд ба арзёбии пайваста ва шаффофи бисёр меъёрҳо асос ёбад, ки дар рафти он аз маълумоти сифатӣ ва миқдорӣ оид ба ҳамоҳангсозии стратегии сармоягузорӣ, саҳми онҳо ба ҳадафҳои ССММ, Ҳадафҳои рушди устувор ва имконпазирии татбиқсозӣ истифода карда мешавад. Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор метавонад мубодилаи маълумотро барои интихоби меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои мувофиқ ва дастрас беҳтар кунад ва қабулу дастгирии онҳоро афзоиш диҳад, ки дар натиҷа ба методологияи қавитари муайянсозии афзалиятнокӣ оварда мерасонад.

**Марҳилаи дуюми банақшагирии сармоягузории ССММ ин муайян кардани эҳтиёҷоти сармоягузории кишвар тавассути раванди муштарак ва фарогир мебошад.**

# МАРҲИЛАИ 3: САФАРБАРКУНИИ САРМОЯГУЗОРӢ

Дар марҳилаи сеюми нақшаи сармоягузории ССММ муайян карда мешавад, ки чӣ гуна эҳтиёҷоти мушаххаси сармоягузорӣ маблағгузорӣ карда мешаванд ва чӣ гуна муҳити мусоид барои мусоидат ба ин мувофиқат зарур аст. Дар ин марҳила монеаҳо дар роҳи сармоягузорӣ, амалҳои эҳтимолии сиёсӣ ва манбаъҳои маблағгузорӣ номбар карда мешаванд, ки барои баррасӣ ва такмил додани механизмҳои институтсионалию воситаҳо ва стратегияҳои мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ маълумоти ибтидоии заруриро пешниҳод карда метавонанд. Дар марҳилаи мазкур инчунин лоиҳаҳои афзалиятноки нақшавӣ ба тартиб даровардашуда, харитаи роҳ барои таҳияи онҳо ва ҳалли талаботи молиявӣ ва иқтидор муайян карда мешавад.

## **ҚИСМАТИ 1.** МОНЕАҲО ДАР РОҲИ САРМОЯГУЗОРӢ

Монеаҳо дар роҳи сармоягузорӣ омилҳое мебошанд, ки сафарбаркунии захираҳоро дар доираи эҳтиёҷоти муайяншуда маҳдуд мекунанд. Воситаҳо ва чораҳои коҳишдиҳии таъсирот, ки барои бартараф кардани монеаҳо кӯмак мекунанд, бояд барои ҳар як сармоягузории афзалиятнок муайян карда шаванд. Ин қисмат воситаи калидӣ барои беҳтар намудани таносуби хатар ва даромаднокии сармоягузориҳо ба иқтисодиёти миллӣ ва бозорҳои мусоиди мушаххасе мебошад, ки дар онҳо лоиҳаҳои бо ССММ мувофиқакардашуда амалӣ карда мешаванд. Барои ҳар як эҳтиёҷоти сармоягузорӣ рӯйхати монеаҳо бояд пайдарпай тавассути тадқиқоти утоқӣ ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор муайян карда шаванд. Монеаҳои соҳавӣ ё дар сатҳи лоиҳа метавонанд аз намуди маблағгузорие вобаста бошанд, ки кишвар ҷустуҷӯ мекунад (масалан, молияи миллӣ ё байналмилалӣ, давлатӣ/хусусӣ). Монеаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ бояд баррасӣ карда шаванд (масалан, технологӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, татбиқсозӣ, сиёсӣ ва танзимӣ). Ин марҳила аз панҷ қисматҳои асосӣ иборат аст.

## **ҚИСМАТИ 2.** ЧОРАҲОИ СИЁСАТ, ҚОИДАҲО ВА ВОСИТАҲОИ МОЛИЯВӢ

Шахсони қарорқабулкунанда бояд маҷмӯи чораҳои сиёсат ва чорабиниҳои танзимиро муайян кунанд, ки монеаҳои муайяншударо барои фароҳам овардани муҳити мусоид баҳри сармоягузории ССММ бартараф карда метавонанд. Ин чорабиниҳо бояд ба тағйироти трансформативӣ тавассути дахолате, ки барои таъсирот дар саросари бахшҳо ва баландбардории эътимод ба устувории чораҳои сиёсат ва қоидаҳо бо мурури замон равона карда шудааст, саҳм гузоранд.

Дар илова ба сиёсат ва танзимнамоӣ нақшаҳои сармоягузории ССММ бояд муайян кунанд, ки оё воситаҳои маблағгузорӣ (масалан, воситаҳои стандартӣ, каталитикӣ ё пасткунии хатар) ё чорабиниҳо (маблағгузории тадқиқот ва таҳиясозӣ) мавҷуданд, ки монеаҳоро дар муддати кӯтоҳтар бартараф карда метавонанд. Бо дарназардошти он, ки лоиҳаҳо барои мувофиқат бо масъалаи гендер санҷида мешаванд, кишварҳо аз буҷети барои баробарии гендерӣ равонакардашуда истифода карда метавонанд. Дар ниҳоят, бояд стратегия таҳия карда шавад, ки дар он эҳтиёҷоти афзалиятноки сармоягузорӣ бо воситаҳои иловагӣ ва чораҳои бартарафсозии монеаҳои сафарбаркунии сармоягузорӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Стратегияи мазкур бояд бо ҷонибҳои манфиатдори беруна, аз ҷумла ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ тасвиб карда шавад ва аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ тасдиқ карда шавад.

**Дар марҳилаи сеюми нақшаи сармоягузории ССММ муайян карда мешавад, ки чӣ гуна эҳтиёҷоти мушаххаси сармоягузорӣ маблағгузорӣ карда мешаванд ва чӣ гуна муҳити мусоид барои мусоидат ба ин мувофиқат зарур аст.**

## ҚИСМАТИ 3. МУВОФИҚНАМОИИ САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРӢ

Нақшаҳои сармоягузории ССММ бояд эҳтиёҷоти маблағгузориро тибқи манбаъҳои мавҷуда ба таври ҳамаҷониба ба нақша гиранд, то маблағҳо ба таври бомуваффақият барои норасоиҳои муайянкардашуда сафарбар карда шаванд. Барои ин кор норасоиҳои муайяншудаи маблағгузорӣ бояд барои таҳияи маҷмӯи ҳамаҷонибаи эҳтиёҷоти сармоягузорӣ, ки маблағгузориро талаб мекунанд, муқоиса карда шаванд. Ин норасоиҳо бояд аломатгузорӣ карда шаванд, то муайян карда шавад, ки оё маблағгузории давлатӣ, маблағҳои донорӣ, сармоягузории бахши хусусӣ ё нақшаҳои омехта барои онҳо беҳтар мувофиқанд. Манбаъҳои эҳтимолии маблағгузорӣ бояд харитабандӣ карда шаванд, аз ҷумла манбаъҳои эҳтимолӣ ё дилхоҳ, ки ҳангоми ҳамкорӣ бо манбаъҳои маблағгузорӣ тасдиқ карда мешаванд. Маълумот бояд бо шарикони рушд, сармоягузорони эҳтимолӣ ва донорҳои беруна барои баланд бардоштани шаффофият, густариши муошират ва беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ мубодила карда шавад.

## ҚИСМАТИ 4. ОМОДАСОЗИИ ЛОИҲА

Омодасозии лоиҳа раванди табдилдиҳии эҳтиёҷоти сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои мушаххаси сармоягузорие мебошад, ки барои маблағгузорӣ ва татбиқсозӣ омодаанд. Эҳтиёҷоти сармоягузорӣ бояд аз марҳилаи ғоя ба марҳилаи лоиҳа ё фаъолияте гузарад, ки барои татбиқсозӣ омода шудааст ва манбаи муайяншудаи маблағгузории эҳтимолӣ ва зарурати дастгирии техникӣ ё таҳлилӣ барои таҳияи онҳо зикр карда шудааст. Лоиҳаҳо бояд омода карда шаванд, аз ҷумла асоснокқунии техникию иқтисодии пешакӣ, тарҳи техникӣ ва асоснокқунии техникӣ-иқтисодӣ, идоракунии лоиҳа ва тақсимоти хавфҳо, муайянкунии арзиш ва таҳияи буҷет, таҳлили таъсироти гендерӣ ва иҷтимоӣ.

## ҚИСМАТИ 5. ҶАРАЁНИ ТАҲИЯСОЗӢ ВА ХАРИТАИ РОҲИ ЛОИҲА

Вақте ки раванди банақшагирии сармоягузории ССММ лоиҳаҳои мушаххасро дар бар мегирад, кишварҳо инчунин ҷараёни таҳиясозиро муайян карда метавонанд ва имкониятҳоро аз рӯи омодагӣ ва дастгирии маблағгузории мавҷуда ба навъҳои ҷудо мекунанд. Муайянкунии пайдарпайии мушаххас барои татбиқи лоиҳаҳо ва ташаббусҳое, ки дар нақшаҳои сармоягузории ССММ муайян шудаанд, дар ин марҳила сурат мегирад. Муайянкунии пайдарпаӣ бояд барои таҳияи стратегияи маблағгузории лоиҳаҳои ССММ ва чорабиниҳои дастгирикунанда барои давраи кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддат анҷом дода шавад, ки метавонад нафъи зудро муносиб кунад ва ба пешравӣ дар татбиқи ССММ суръат бахшад.



**Омодасозии лоиҳа раванди табдилдиҳии эҳтиёҷоти сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои мушаххаси сармоягузорие мебошад, ки барои маблағгузорӣ ва татбиқсозӣ омодаанд.**

# ЗАМИМАИ 1. МАРҲИЛАҲО, ҚИСМАТҲО, ҚАДАМҲО ВА НАТИҶАҲОИ МУФАССАЛИ БАНАҚШАГИРИИ САРМОЯГУЗОРИИ ССММ

## МАРҲИЛАИ 1: ИҚТИДОРИ БАНАҚШАГИРИИ САРМОЯГУЗОРӢ *(ҲАМАҶОНИБА)*

### Қисмати 1. Механизми институтсионалӣ

**Қадами 1:**
**Сохторҳои бахши давлатӣ, ки бо ҳадафҳои ССММ алоқаманданд ва шахсонро барои тамос муайян намоед**

Натиҷа:
Харитаи

**Қадами 2:**
**Ваколатҳо ва нақшҳоро муайян намоед**

Натиҷа:
Тафсири ваколатҳо ва нақшҳо

**Қадами 3:**
**Таҳлили норасиҳои механизми институтсионалӣ**

**Қадами 4:**
**Нақши ҳамоҳангсозии марказиро барои банақшагирии сармоягузории ССММ таъин намоед**

**Қадами 5:**
**Амалҳоро барои расмикунонии нақшҳо муайян намоед**

Натиҷа:
Нақша барои расмикунонии нақшҳои муайянкардашуда

### Қисмати 2. Ҷалби ҷонибҳои манфиатдори бисёр

**Қадами 6:**
**Масъулиятро барои ҳамоҳангсозӣ ва харитабандии ҷонибҳои манфиатдор тақсим намоед**

Натиҷа:
Нақшаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор

### Қисмати 3. Мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ

**Қадами 7:**
**Ҷонибҳои манфиатдорро барои ҷамъоварии маълумот муайян намоед**

**Қадами 8:**
**Қобилиятҳоро барои пешниҳоди маълумоти зарурӣ баҳо диҳед**

**Қадами 9:**
**Стратегияи мониторингро муқаррар намоед**

**Қадами 10:**
**Маълумотро оид ба стратегияи мониторинг пешниҳод намоед**

Натиҷа:
Стратегияи мониторинги молияи иқлимӣ

**Қадами 11:**
**Воситаи мониторингро таҳия созед**

Натиҷа:
Воситаи мониторинги молияи иқлимӣ

**Қадами 12:**
**Ҷараёни тафсирро муайян намоед**

Натиҷа:
Ҷараёни тафсири банақшагирии сармоягузории ССММ

## МАРҲИЛАИ 2: МУАЙЯНСОЗИИ ЭҲТИЁҶОТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА АФЗАЛИЯТНОКИИ ОНҲО

### Қисмати 1. Муайянкунии эҳтиёҷоти сармоягузории ссмм

**Қадами 1:**
**Маълумотро аз ССММ гиред**

**Қадами 2:**
**Сармоягузориҳои нақшавиро, ки ба ҳадафҳои ССММ саҳм мегузоранд, муайян намоед**

**Қадами 3:**
**Норасоиҳоро барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои ССММ муайян ва бартараф кунед**

**Қадами 4:**
**Маҷмӯи эҳтиёҷоти сармоягузориро, ки тавассути ҷалби ҷонибҳои манфиатдор муайян карда шудаанд, тасдиқ (валидатсия) намоед**

Натиҷа:
Хулосаи эҳтиёҷоти сармоягузории ССММ

### Қисмати 2. Таҳлили арзиш ва норасоии молиявӣ

**Қадами 5:**
**Арзиши ноилшавӣ ба ҳадафҳои ССММ-ро ҳисоб кунед**

**Қадами 6:**
**Сатҳи маблағгузории таъминшударо ҳисоб кунед**

**Қадами 7:**
**Норасоии маблағгузориро ҳисоб кунед**

Натиҷа:
Арзиши эҳтиёҷоти сармоягузорӣ

### Қисмати 3. Муайянсозии афзалиятнокии сармоягузорӣ ва чорабиниҳои ёрирасон

**Қадами 8:**
**Меёрҳои муайянсозии афзалиятнокӣ ва нишондиҳандаҳои мувофиқро муайян намоед**

**Қадами 9:**
**Вазнҳои меъёрҳоро муайян намоед**

Натиҷа:
Методологияи муайянсозии афзалиятнокӣ

**Қадами 10:**
**Маълумотро ба тартиб дароред ва коркард намоед**

**Қадами 11:**
**Афзалиятҳои сармоягузории ССММ тасдиқ карда шудаанд ва ба ҷомеа муаррифӣ карда шудаанд**

Натиҷа:
Муайянсозии афзалиятнокии лоиҳаҳо

## МАРҲИЛАИ 3: САФАРБАРКУНИИ САРМОЯГУЗОРӢ

### Қисмати 1. Монеаҳо дар роҳи сармоягузорӣ

**Қадами 1:**
**Омодакунии рӯйхати дароз бо монеҳо аз рӯи эҳтиёҷоти сармоягузории афзалиятнок**

**Қадами 2:**
**Пайдарпайии монеҳо**

Натиҷа: Рӯйхати монеаҳои эҳтимолӣ бо афзалиятҳо

### Қисмати 2. Чораҳои сиёсат, қоидаҳо ва воситаҳои молиявӣ

**Қадами 3:**
**Вариантҳои сиёсат / танзимиро барои беҳтарсозии муҳити мусоид муайян намоед**

**Қадами 4:**
**Маблағгузорӣ, воситаҳо ё чорабиниҳои иловагиро барои бартарафсозии монеҳо муайян намоед**

**Қадами 5:**
**Тасдиқи (валидатсияи) воситаҳо ва стратегияҳои маблағгузорӣ**

Натиҷа: Рӯйхати амалҳои сиёсии эҳтимолӣ барои ҳалли монеаҳо

**Қадами 6:**
**Нақшаи татбиқсозиро барои чораҳои сиёсат / қоидаҳо муттаҳид созед**

### Қисмати 3. Мувофиқнамоии сарчашмаҳои маблағгузорӣ

**Қадами 7:**
**Ба навъҳо ҷудо кардани норасоиҳои муайяншудаи маблағгузорӣ**

**Қадами 8:**
**Харитабандии (муқоисанамоии) норасоиҳо бо сарчашмаҳои маблағгузорӣ**

**Қадами 9:**
**Мубодилаи маълумот оид ба норасоии молия ва сарчашмаҳои эҳтимолии молия**

Натиҷа: Мувофиқнамоии сарчашмаи молия бо норасоиҳо

### Қисмати 4. Омодасозии лоиҳа

**Қадами 10:**
**Қадамҳои зарурии омодасозии лоиҳаро муайян намоед**

**Қадами 11:**
**Омодасозии лоиҳа**

Натиҷа: Мисолҳои тиҷоратӣ

### Қисмати 5. Ҷараёни таҳиясозӣ ва харитаи роҳи лоиҳа

**Қадами 12:**
**Баҳодиҳии мӯҳлатҳои татбиқи лоиҳа дар ҳар як бахш**

**Қадами 13:**
**Харитабандии муштараки мӯҳлатҳои лоиҳаҳо ва чорабиниҳои афзалиятноки ССММ**

Натиҷа: Харитаи роҳи чорабиниҳо ва лоиҳаҳо

NDC PARTNERSHIP

## ЗЕРСОХТОРИ ДАСТГИРИИ ШАРИКӢ ОИД БА ССММ


### ВАШИНГТОН, ОК, ДАФТАР ДАР ИМА

**ИНСТИТУТИ ЗАХИРАҲОИ ҶАҲОНӢ**
10 G Street NE Suite 800,
Вашингтон, ОК 20002, ИМА

**Т:** +1 (202) 729-7600
**П/Э:** supportunit@ndcpartnership.org

### БОНН, ДАФТАР ДАР ОЛМОН

**ДАФТАРИ СММ ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ / РСММХЛ**
Platz der Vereinten Nationen 1
53113 Бонн, Олмон

**Т:** (49-228) 815-1000
**П/Э:** supportunit@ndcpartnership.org


**ndcpartnership.org**